# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи илмии Боев Муродбек Бекмаҳмадович, дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ)**

Мавзӯи таҳқиқотии интихобнамудаи унвонҷу Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар шароити кунунӣ мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои замонавӣ – омода намудани мутахассисони самти муҳандисӣ ва баланд бардоштани сатҳи донишҳои графикии онҳо бахшида шудааст. Аз ин ҷост, ки яке аз ҳадафҳои пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин саноатикунонии босуръати мамлакат ба шумор меравад ва дар ин масир омода намудани мутахассисони касбии баландихтисоси ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат, алалхусус, мутахассисони самти муҳандисӣ нақши калидӣ дорад. Зеро соҳаи саноати мамлакат бо мутахассисони самти муҳандисӣ ниёз дорад.

Унвонҷӯ оид ба мавзӯи интихобнамуда маъхазҳои зиёди илмиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар ҳамин асос муҳтаво, вазифа, навигарӣ, аҳамияти амалию назариявӣ, нукоти илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисоларо тарҳрезӣ намудааст.

Дар муқаддима талаботи мавҷуда нисбат ба банду басти қисмати илмии рисолаҳои илмӣ риоя карда шуда, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мубрамияти мавзӯи интихобкардашуда ба таври илмӣ асоснок карда шавад.

Аз ҷониби унвонҷу ба таври муфассал таҳқиқотҳои илмии психологҳо, педагогҳо, файласуфон омӯхта шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои методологӣ ва умуминазариявии ташаккули шавқу рағбати хонандагон ба технологияи муосири таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ матраҳ гардидаст.

Заминаи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот ва мантиқи фикрронӣ ба талаботи мавҷуда оид ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Тавре аз муҳтавои автореферат дида мешавад, ҳадафи таҳқиқот ба асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ нигаронида шудааст. Мақсади таҳқиқот мушаххас буда, он аз

ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани сохтор ва талаботи ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ ва ошкор сохтани бартарии онро дар ташаккули сатҳи бунёдии донишҷӯёни соҳаи техникӣ дар раванди таҳсилотро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ ифода намудааст. Тавсифи умумии таҳқиқот бошад, мақсад, вазифаҳо, объект, мавзу (предмет), фарзия, марҳилаҳо ва дигар нуктаҳоро мутобиқи бандҳои Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ифода намудааст.

Унвонҷӯ зимни гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба он бештар таваҷҷуҳ намудааст, ки мазмуни раванди ташаккули ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ ба ошкор сохтани бартарии онҳо дар ташаккули сатҳи бунёдии донишҷӯёни соҳаи техникӣ ба маҷмӯи технологияҳои пешқадами таълим нигаронида шавад, ки тасаввуроти донишҷуёнро дар ин самт пурра мегардонад.

Лозим ба тазаккур аст, ки дар автореферати диссертатсия доир ба масъалаҳои фарогирии афзудани самаранокии салоҳиятнокии касбӣ, муаммоҳо, тамоюлҳо, қонунияти инкишофи таҳсилоти касбӣ, заминаҳо ва воситаҳои амалисозии ҳамгироӣ дар раванди таълими фанҳои геометро-графикӣ маълумотҳои саҳеҳ ҷой дода шудаанд.

Дар таҳқиқот корҳои озмоишӣ оид ба ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометрӣ-графикӣ» баррасии ҷустуҷӯи методҳои самараноки тарҳрезии мундариҷаи курси таълимии геометрияи тасвирӣ ва графикаи муҳандисиро дар бар гирифтааст. Ҳамчунин, натиҷаи таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ-методологии шартҳои педагогии амалигардонии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти геометро-графикии муҳандисони оянда аз рӯи ихтисосҳои соҳаи техникии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ва Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд дар се марҳила натиҷагирӣ гардидааст, ки далели самаранокии усулҳои ташаккулдиҳии сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии донишҷӯён мебошад.

Ба сифати тавсия пешниҳод менамоем, ки хуб мешуд, доир ба шароити кунунии омӯзиши фанҳои геометрия, геометрияи тасвирӣ ва графикаи муҳандисӣ андешаҳои унвонҷу мушаххастар баён меёфт.

Ин камбудӣ албатта ба мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷу Боев М.Б. ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши аслии кори таҳқиқотиро халалдор намесозад.

Дар давоми кори илмии хеш муаллиф 35 - интишоротро ба табъ расонидааст, ки онҳо пурра муҳтавои таҳқиқоти илмиро фаро гирифтаанд. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки автореферат, пурра муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд.

Хулоса, таҳқиқоти анҷомдодаи Боев М.Б. ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст ва «Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), сазовор мебошад.

**Муқарриз**

доктори илмҳои педагогӣ,
мудири шуъбаи педагогика
ва тметодикаи таълими
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмадов Файз

Имзои Ф. Гулматовро тасдиқ мекунам:
Нозири кадрҳо ва коргузории АТТ М. Саидова

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2 Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Тел: (+992) 91-963-67-34. E-mail: gulmadov53@mail.ru